**5.8. [13.00.00] ПЕДАГОГИКА**
**5.8. [13.00.00] ПЕДАГОГИКА**
**5.8. [13.00.00] PEDAGOGY**

5.8.1.[13.00.01] ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ,ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ
5.8.1.[13.00.01] ОБЩАЯ ПЕДАГОГИКА, ИСТОРИЯ ПЕДАГОГИКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
5.8.1.[13.00.01] GENERAL PEDAGOGICS,THE HISTORY OF PEDAGOGY AND EDUCATION

***ТДУ 371***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-77-81***

# ***ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ФАЪОЛИ МЕҲНАТӢ-ҲАЁТИИ ХОНАНДАГОН***

***Сабурӣ Хайрулло Мирзозода,*** *д.и.п, профессор;* ***Раҳматуллоев Диловар Набиҷонович,*** *унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумӣ, МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ***ФОРМИРОВАНИЕ АКТИВНОЙ ТРУДОВОЙ ПОЗИЦИИ УЧАЩИХСЯ***

***Сабури Хайрулло Мирзозода,*** *д.п.н., профессор;* ***Рахматуллаев Диловар Набиджанович,*** *соискатель общеуниверситетской кафедры общей педагогики, ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова", (Таджикистан, Худжанд)*

# ***FORMATION OF STUDENTS` ACTIVE LABOR POSITION***

***Saburi Khairullo Mirzozoda,*** *Dr. of Pedagogy, Professor of the Department of Social and Professional Pedagogy* ***E-mail:*** *saburov.67@mail.ru;* ***Rahmatulloev Dilovar Nabijonovich,*** *applicant of the All-University Department of General Pedagogics, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *rahmatulloeva_86@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *ташаккул, мавқеи фаъолонаи меҳнатӣ-ҳаётӣ, меҳнатӣ, ҳаётӣ, касбӣ-меҳнатӣ, меҳнатӣ-ҳаётӣ, меҳнатомӯзӣ, касбукоромӯзӣ, ҳунаромӯзӣ, одам-гурӯҳҳои иҷтимоӣ-ҷомеа*

*Дар мақола мубрамияти ташаккули мавқеи фаъолонаи меҳнатии хонандагон баррасӣ мегардад. Таъкид меравад, ки тарбияи меҳнатӣ, касбомузӣ ва ҳунармандӣ дар раванди тарбияи насли наврас ниҳоят зарур буда, барои тарбияи шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта кумак менамояд. Зикр шудааст, ки меҳнат яке аз унсурҳои муҳими системаи мавқеи фаъоли ҳаётӣ ба шумор меравад Таҳсилоти касбӣ-меҳнатӣ барои омодасозии мутахассиси баландихтисос ва салоҳиятнок нигаронида шуда, танҳо дар ҳамин ҳолат метавон гуфт, ки одам-гурӯҳҳои иҷтимоӣ-ҷомеа аз лиҳози таълиму тарбия мавқеи фаъолонаи ҳаётиро ишғол карда метавонанд. Зеро ахлоқу меҳнат ин унсурҳои муҳими системаи мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ маҳсуб меёбанд. Муаллифон таъкид менамоянд, ки зимни омодасозии хонандагон ба ишғол намудани мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ ба инобат гирифтани принсипҳои тарбияи меҳнатӣ ва роҳу усулҳои муассири ба роҳ мондани он ниҳоят зарур аст.*

***Ключевые слова:*** *формирование, активная трудовая жизненная позиция, труд, быт, профессионально-трудовой, трудовой и бытовой, трудовое обучение, профессиональное обучение, ремесленное обучение, люди–социальные группы–общество*

*В статье обсуждается вопрос формирования активной позиции в трудовом воспитании учащихся. Подчеркивается, что трудовое обучение и профессиональная подготовка крайне необходимы в процессе воспитания подрастающего поколения и помогают подготовить всесторонне развитую личность. Отмечено, что труд является одним из важных элементов системы активной жизненной позиции. Профессионально-трудовое образование направлено на подготовку высококвалифицированных и компетентных специалистов, и только в этом случае можно говорить о том, что человек-социальные группы-общество. иметь активную жизненную позицию в плане образования и обучения. Потому что нравственность и труд считаются важными элементами системы активной жизненной позиции. Авторы подчеркивают, что при подготовке учащихся к занятию активной жизненной позиции крайне необходимо учитывать принципы трудового воспитания и эффективные методы его реализации.*

***Key words:*** *formation, active labor life position, labor, everyday life, professional-labor, labor-household, labor training, vocational training, craft training, people-social groups-society*

*The article discusses the issue of forming an active position in the labor education of students. It is emphasized that labor education and vocational training are extremely necessary in the process of educating the younger generation and help prepare a comprehensively developed personality. It is noted*

*that work is one of the important elements of the active life position system. Vocational education is aimed at training highly qualified and competent specialists, and only in this case can we say that a person-social groups-society. have an active life position in terms of education and training. Because morality and work are considered important elements of the system of an active life position. The authors emphasize that when preparing students to take an active life position, it is extremely necessary to take into account the principles of labor education and effective methods of its implementation.*

Ба меҳнат омода намудани насли наврас дар ҳама давру замон ҳамеша муаммои мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро инсон ҳамеша талаботи моддӣ ва маънавию равонии худро тавссути меҳнат қонеъ менамояд. Агар меҳнат намебуд, одаммчун гурӯҳи иҷтимоии ҷомеа, чун мавҷуди биологӣ ва чун мавҷуди иҷтимоӣ, ба маънои томаш ҳамчун одам арзи вуҷуд дошта наметавонист.

Аммо одам аз рӯзи аввали таваллуд якбора ба меҳнат кардан омода нест. Барои ҳамин ҳам дар раванди ташаккулёбии одам нисбат ба меҳнат, касбукор ва ҳунаромӯзӣ зарурат пайдо мегардад. Ҳунаромӯзӣ аз ҷониби насли наврас ҳунаромӯзониро аз насли калонсол тақозо менамояд. Аммо, пеш аз ҳама, дар насли наврас муносибат нисбат ба меҳнат ва намудҳои он бояд ташаккул дода шавад. Танҳо муносибати мусбат нисбат ба меҳнат, ҳамчун ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ва зарурати объективии ҳаётӣ бояд ташаккул дода шавад.

Пеш аз ҳама, дар оила калонсолон, падару модар, дар муассиса омӯзгорон бояд намунаи ибрат гарданд ва танҳо тавассути меҳнатдӯстии калонсолон ҳисси меҳнатдӯстиро дар хурдсолон тарбия кардан мумкин аст. Зеро тибқи назарияи тарбия: “Тарбиядиҳанда аввал худаш бояд тарбия гирифта бошад”[8,с.32]. Ҳамчунин танҳо шахси ҳунарманд ҳамчун омӯзгор метавонад аз шогирдони худ шахси ҳунармандро ба воя расонад. Бе меҳнат, бе касбу кор, бе шуғл, бе ҳунармандӣ, бе меҳнатдӯстӣ ҷамъият ба таври бояду шояд, ба таври аслӣ арзи вуҷуд дошта наметавонад.

Зеро неъматҳои моддию маънавӣ асоси ҳастии биологию иҷтимоии инсон ва бани башар маҳсуб меёбад. Барои ҳамин ҳам дар ҳама давру замон меҳнат, ҳунар – шаъну шараф, эҳтирому эътибори одам-гурӯҳҳои иҷтимоӣ-ҷомеа маҳсуб меёфт. Одами ҳунарманду меҳнатдӯстро дар асарҳои худ шоирону нависандагон, рассомон ҳамчун қаҳрамони меҳнат, ҳамчун одамони аз ҳама барӯманди ҷомеа тасвир менамуданд.

Дар ташаккули муносибати мусбати тарбиявию ахлоқӣ нисбат ба меҳнат дар хонандагон пеш аз ҳама аз ганҷинаҳои педагогикаи халқӣ, аз эҷодиёти даҳонии халқ фаровон бояд истифода бурд, чунки дар эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик, дар афсонаҳои халқӣ, дар ривоятҳои халқӣ, дар панду андарз ва зарбулмасалҳо мавзӯи меҳнат ва меҳнатдӯстӣ, ҳунар ва ҳунаромӯзӣ хеле васеъ ва ҳамаҷониба инъикос гардидааст. Гуфторҳои халқӣ амсоли “Ба як ҷавон чил ҳунар кам”, “То меҳнат накунӣ – роҳат набинӣ” намунаи олии ҳикмати халқ дар бораи манзалати меҳнат ва ҳунар дар зиндагии инсон аст.

Дар адабиёти классикии тоҷик низ масъалаи меҳнат ва меҳнатдӯстӣ, ҳунар ва ҳунаромӯзӣ инъикоси ҳамаҷонибаи худро ёфтааст. Дар ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, “Қобуснома” –и Унсурулмаолии Кайковус, “Рӯшноинома” ва “Саодатнома” –и Носири Хусрав, “Хамса”-и Низомӣ, “Гулистон” ва “Бӯстон” –и Саъди Шерозӣ, “Баҳористон” –и Абдураҳмони Ҷомӣ ва даҳҳо суханвари классикии форсу тоҷик ҳунар, ҳунармандӣ, шарафи ҳунарманд ва қадру қиммати ӯ дар ҷомеа ситоиш ёфтаанд, ки дар китобҳои дарсии мактаби миёна аз он мисолҳои хеле зиёде оварда гудаанд, ки дар тарбияи меҳнатии хонандагон таъсири мусбат мерасонанд.

Агар хонандагон аз ин воситаҳои тавонои тарбияи меҳнатӣ бархурдор гарданд, мавқеи фаъолои меҳнатии онҳо ташаккул меёбад. Ҳар як гуфтори бузургони сухан, мутафаккирони бузург оид ба меҳнату ҳунар, касбу касбомӯзӣ ганҷинаи бебаҳост, ки чанд намунае аз он чун “мушт намунаи хирвор”, ин ҷо меорем:

***Гуҳар гар шуморӣ ту беш аз ҳунар,***
***Зи баҳри ҳунар шуд гиромӣ гуҳар.***

[7, с.20]

***Хунар бехтар аз гавхари номдор,***
***Хунармандро гавхар ояд ба кор.***
***Туро бо хунар гавхар асту хирад,***
***Равонат хаме аз ту ромиш барад.***

[7, с.20]

***“Бо нони ҷавини хеш, ҳаққо, ки беҳ аст,***
***К-олуда ба полудаи ҳар кас будан”***

[7,с.339].

Тавонгарӣ ба ҳунар аст, на ба мол ва бузургӣ ба ақл аст, на ба сол [7, с.23].

Ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда, ва агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо, ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад [7, с.22].

***Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,***
***Ганҷу зар пеши ҳунар чизе нест***

[7, с.23].

***Рӯ намеорад ба хони ҳеч кас соҳибҳунар,***
***Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехӯрад***

[7, с.23].

Ин абёти раҳнамову андарзӣ худ гувоҳ бар он аст, ки ҳунар сармояи гаронест, ки онро бо ягон дорой, сарват, симу зар иваз кардану харидан номумкин аст. Ҳунар инсонро бузургию шаҳомат бахшида ӯро болидарӯҳ мегардонад. Ҳунар зиндагиро зебой мебахшад. Шахси боҳунар дарахти босамареро мемонад, ки шабеҳи меваҳои болаззату хурданбоб. Шахси боҳунар дарёеро мемонад, ки онро ҳар замон обест зулолу ошомиданӣ.

Пас, нақш ва ҷойгоҳи меҳнат дар ҳаёти одам-гурӯҳи иҷтимои ҷомеа дар чист? Ба ин савол педагоги барҷаста К.Д.Ушинский ҷавоби саҳеҳ медиҳад: “Мафҳуми моддии меҳнат манзалати инсониро ташкил медиҳад; аммо танҳо қувваи дохилӣ, рӯҳонӣ, рӯҳафзои меҳнат асоси манзалати инсониро ва дар як вақт ҳам ахлоқ ва ҳам хушбахтии ӯро ташкил медиҳад” [5,с.337-338]. Аммо аввал мафҳуми меҳнатро низ маънидод намуд. “Меҳнат – ин раванди фаъолияти бошуурона ва мақсадноки одамон, ки тавассути он тағйир додани моддаҳо ва қувваҳои табиат, онҳоро барои қонеъ намудани талаботҳои худ мувофиқ намудан аст” [2,с.340].

Аммо ин таърифи меҳнат танҳо як намуди меҳнат, як намуди касбӣ-меҳнатӣ, яъне намуди “одам-табиат” аз нуқтаи назари субъект-объект ба ҳисоб меравад. Тибқи таснифоти касбӣ-меҳнатӣ боз дигар намудҳои касбҳо амсоли “одам-одам”, “одам-техника”, “одам-фаъолияти эҷодӣ” ва дигар намудҳо низ мавҷуданд. Аммо аввалин намуди касбу кор ин дар ҳақиқат касбҳои марбут ба “одам-табиат” дахлдор аст, ки он бевосита ба қонеъ намудани талаботи моддии инсонӣ равона карда шудааст. Аммо одам бо табиат, бо забони табиат гуфтугӯ намуданаш лозим аст.

Ин чунин маъно дорад, ки одам-гурӯҳҳои иҷтимой-ҷомеа барои тағйир додани моддаҳо ва қувваҳои табиат дар раванди фаъолияти касбӣ-меҳнатии худ дар асоси қонуниятҳои табиат ва риояи ин қонуниятҳо амал намояд, то ба табиат зараре нарасонад. Зеро табиат хонаи инсон аст. Инсон бе табиат арзи вуҷуд карда наметавонад.

Аммо инсон на ҳамеша бо табиат бо забони табиат, яъне тибқи риояи қонуниятҳои инкишофи он гуфтугӯ менамояд, ки он ба инсон оқибатҳои нохуш меоварад. Мисоли онро дар асари нависандаи маъруфи қирғиз Чингиз Айтматов “Кундаи сарбурӣ” (“Плаха”) мушоҳида намудан мумкин аст, ки ӯ нишон медиҳад, ки чӣ тавр шикори ҳайвонҳоро инсон танҳо дар асоси қонеъ намудани нафси худ, новобаста аз он, ки ӯ чӣ тавр ба табиат зарари калон мерасонад, ба роҳ мондаанд. Нависанда дар мисоли гургҳо нишон медиҳад, ки ҳатто гургҳо нисбат ба одам “оқилона”, бо дарназардошти қонуниятҳои табиат шикор менамоянд. Аз ин лиҳоз, хулосаи нависанда ҷолиби диққат аст “Танҳо офатҳои табиӣ ва одам метавонанд равиши азалии табиатро дар Моюнкум вайрон кунанд ...” [1, с.10].

Агар одам-гурӯҳҳои иҷтимой-ҷомеа тавассути вайронкорӣ ба табиат зарар расонанд, пас ин амал ҷиноят ва хиёнат аст баояндаи инсоният мебошад, ки ҳастии инсонро дар рӯи замин зери хатар мегузорад. Одам-гурӯҳҳои иҷтимой-ҷомеа дар муносибат, муомила ва муошират бо табиат на вайронкор, балки созандаю бунёдкор бошанд. Маҳз ҳамин нуктаро ба мутахассисони соҳаҳои касбии-меҳнатии бо табиат сарукордошта, талқин намудан лозим аст. Онҳо бояд дар руҳияи табиатдӯстӣ ба воя расанд.

Аз ин бармеояд, ки таълим ва тарбияи мутахассисони оянда бо ҳам зич алоқаманд аст ва тарбия асос, сарчашмаи таълим ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, омодасозии мутахассисони оянда тақозо менамояд, ки на танҳо ба таълим, балки пеш аз ҳама ба тарбияи онҳо низ эътибори ҷиддӣ бояд дод. Зеро агар мутахассисе, ки бо табиат сарукор дорад, табиатдӯст набошад, ӯ ба табиат танҳо аз нуқтаи назари манфиати хеш назар менамояд. Ҳисси худпарастӣ ва риоя

накардани қонуниятҳои инкишофи табиат дар фаъолияти касбӣ-меҳнатии ӯ низ ба мушоҳида мерасад.

Инро нависандаи тоҷик Абдулҳамид Самадов дар повести худ "Пас аз сари падар" хеле моҳирона нишон медиҳад. "Хислату рафтори паррандаҳо ҳам одам барин. Зоғ дилсиёҳи шумхабар. Чуғз вайронахоҳ. Ғулба дузди баинсоф; аз роҳ мезадаасту хайр мекардааст. Аз баъзе ҷангалбонҳо бештар нафъ мерасонад ғулба. Паррандаи дурандеш ҷон коҳонда, донаки чормағз таги хок мекардааст, ки сабзаду дарахт шавад ва агар зинда монад, аз ҳосили он бихӯрад. Шояд чормағззорони кӯҳдоманҳо дастниҳоли ғулбаҳоанд. Лекин кори ин ҷангалбон чӣ? Паррондан, шикастан, буридан, пӯст кандан ..." – аз дил гузаронд писарак" [4, с.6-7]. Дар ин ҷо ғояҳои созандагию бунёдкорӣ бо ғояи вайронкорӣ – ҳамчун мубаризаи неку бад нишон дода шудааст. Дар мисоли ғулба қувваи некӣ, қувваи созандаю бунёдкор, баъзе ҷангалбонҳои беинсоф чун қувваи бадӣ нишон дода шудаанд. Аслан ҳамаи унсурҳои системаи табиат, алалхусус одам ва пеш аз ҳама мутахассиси бо соҳаи табиат сарукор дошта созандаю бунёдкор шуданаш лозим аст. Зеро одам мавҷудоти бошуур, ҷангалбон бар зимми он барои меҳнаташ боз музд мегирад, лекин баръакас кор мекунад.

Одаму табиат ва дигар унсурҳои низоми табиат узвҳои аз ҳам ҷудонашавандаанд, магар ки худи инсон баъзан бо рафтору кирдори ношоистаи худ ба дигар узвҳои табиат ва дар маҷмӯъ, барои қонеъ намудани нафси бади худ ҳам ба табиат ва дар ниҳояти кор ба худ зарар мерасонад, ки ин аз мавқеи зидди табиат ва зиддиҷамъиятии ӯ шаҳодат медиҳад.

Агар аз лиҳози субъект ва объекти касби-меҳнатӣ фаъолияти меҳнати – касбии одам-гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷомеаро мавриди таҳлил қарор диҳем, пас дар мавриди касбҳои системаи "инсон табиат" субъекти меҳнат, яъне мутахассисони бо табиат сарукордошта зимни фаъолияти касбӣ меҳнатии худ бояд дар асоси қонуниятҳои инкишофи табиат амал намуданашон вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси касбӣ-меҳнатии онҳо мебошад.

Дар мавриди системаи касбҳои "одам-одам", одам чун субъект, яъне мутахассис ва одам – чун объект, яъне объекти корӣ дар назар дошта мешавад. Субъект – мутахассисони ба ин система марбут зимни фаъолияти касбӣ-меҳнатии худ бояд тибқи қонуниятҳои инкишофи одам амал намуданашон вазифаи асосии онҳо мебошад. Алалхусус инро дар мисоли касби омӯзгорӣ ва касби табибӣ мавриди назар ва таҳлил намоем, мефаҳмем, ки ин ду касб то ба кадом андоза дорои аҳамияти иҷтимоӣ мебошанд. Омӯзгор бояд дар асоси қонуниятҳои инкишофи одам таълимгиранда, тарбиягиранда, инкишофёбандаро таълим, тарбия ва инкишоф диҳад. Табиб бояд дар асоси қонуниятҳои инкишофи биологӣ ва иҷтимоӣ беморро муолиҷа намояд.

Дар ҳар ду ҳолат ҳам инкор кардани қонуниятҳои инкишофи одам боиси ноил нагардидан ба мақсадҳои касбӣ-меҳнатии худ ҳам ба омӯзгор ва ҳам ба табиб мегардад. Дар ҳамаи ҳолат, яъне дар раванди фаъолияти касбию меҳнатии худ одам-гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа чун субъекти фаъолияти касбию меҳнатӣ ба объекти касбӣ меҳнатӣ бояд нафъ расонад, на зарар.

Дар маҷмӯъ, дар мисолҳои овардашуда нафъ, фоида ба табиат ва нафъ, фоида ба одам. Вагарна субъект вазифаи касбӣ меҳнатии худро иҷронокарда ҳисобида мешавад, ки ин аз мавқеи зидди табиат, зиддиҷамъиятии ӯ дарак медиҳад. Мавқеи фаъолонаи ҳаётии одам дар муносибати ӯ ба табиат, табиати беруна ва табиати худ, дар муносибати ӯ ба ҷамъият, нисбат ба худ чун мавҷудоти иҷтимоӣ ва ҷамъият, яъне дигар одамон зуҳур меёбад. Одам ҳамчун одами асил, некахлоқ дар ҳаёт зисту зиндагӣ намуданаш лозим аст. Чунин одам тавассути таҳсилоти умумӣ бояд ба воя расонида шавад. Мақсад ва вазифаҳои таҳсилоти умумӣ аз ҳамин нуқтаи назар бояд баррасӣ гардад.

Таҳсилоти касбӣ-меҳнатӣ барои омодасозии мутахассиси асил, яъне баландихтисос ва салоҳиятнок нигаронида шавад. Танҳо дар ҳамин ҳолат метавон гуфт, ки одам-гурӯҳҳои иҷтимоӣ-ҷомеа аз лиҳози таълиму тарбия мавқеи фаъолонаи ҳаётиро ишғол карда метавонанд. Зеро ахлоқу меҳнат ин унсурҳои муҳими системаи мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ маҳсуб меёбанд. Инро зимни омодасозии хонандагон ба ишғол намудани мавқеи фаъолонаи ҳаётии хонандагон ба инобат гирифтан лозим аст.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Айматов, Ч. Плаха - Алма-Ата/Ч.Айматов.- Жазуши, 1988 – 288с.
2. Краткий экономический словарь / Под ред. Ю.А.Белика и др. – М.: Политиздат, 1987. – 399с.
3. Либнир, Х. Научное понятие модели // Модель, эксперимент, теория / Либнир Х. – М.: Наука, 1982. – С. 182–195.
4. Самадов, А.Аспи бобом: Повестҳо, ҳикояҳо. – Душанбе. – Маориф, 1986. – 184с.

5. Ушинский, К.Д. / Труд в его психическом и воспитательном значении С. 333-362. В кн.: К.Д.Ушинский Сборник сочинений том 2. Педагогические статьи 1957-1861гг. Редакционная коллегия А.М.Еголин (главный редактор) Е.Н.Мединский и В.Я. Руминский // Москва – Ленинград; Издательство Академии педагогических наук, 1948. – 656с.
6. Философский энциклопедический словарь / Гл. редакция: Л.Ф.Ильичев, П.Н.Федосеев, С.М.Ковалев, В.Г.Панов. – М.: Сов. Энциклопедия, 1989. – 840с.
7. Фозилов, М.Панду ҳикматҳо/М.Фозилов.-Душанбе, 1963.- 480 с.
8. Хомидова, Ф.Л. Формирование полифункциональной профессиональной компетенции молодых преподавателей вуза . Автореферат дисс. на соиск. уч. степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.08 – Теория и методика профессионального образования (13.00.08.04 – Теория и методика гуманитарных наук, профессиональное образование).-Худжанд, 2023.- 44 с.

**REFERENCES:**

1. Aymatov Chingiz Plakha: Novel - Alma-Ata: Zhazushi, 1988 – 288p.
2. Brief economic dictionary / Ed. Yu.A. Belika and others - M.: Politizdat, 1987. - 399 p.
3. Libnir H. Scientific concept of a model // Model, experiment, theory. [Text] / Libnir H. – M.: Nauka, 1982. – P. 182–195.
4. Samadov Abdulkhamid.–Aspie bobom:Story,hikoyaho. – Dushanbe: Enlightenment, 1986. – 184 p.
5. Ushinsky K.D. / Labor in its mental and educational meaning p. 333-362. In the book: K.D. Ushinsky Collection of essays volume 2. Pedagogical articles 1957-1861. Editorial Board A.M. Egolin (editor-in-chief) E.N. Medinsky and V.Ya. Ruminsky // Moscow – Leningrad; Publishing-house of the Academy of Pedagogical Sciences, 1948. – 656 p.
6. Philosophical Encyclopedic Dictionary / Editorial Head: L.F. Ilyichev, P.N. Fedoseev, S.M. Kovalev, V.G. Panov. – M.: Sov. Encyclopedia, 1989. – 840 p.
7. Fazilov M. Aphorisms/M. Fozilov.-Dushanbe, 1963.- 480 p.
8. Khomidova, F.L. Formation of multifunctional professional competence of young university teachers. Abstract of dissertation. for the job application uch. degree of candidate of pedagogical sciences in specialty 13.00.08 - Theory and methodology of vocational education (13.00.08.04 - Theory and methodology of the humanities, vocational education). - Khujand, 2023. - 44 p.